**Такризи**

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Мирзоҳофизиён Меҳрафкан Мирзоҳофиз дар мавзуи «Таҳқиқи матншиносӣ ва поэтикии осори насрии Аҳмади Ҷом» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021401 – Назарияи адабиёт, матншиносӣ, нусхашиносӣ)**

Таҳқиқи осори насрии суханварон дар маърифати марҳилаҳои ташаккули сухангустарӣ ва равшан сохтани арзишҳои матншиносиву поэтикии онҳо хеле муҳим арзёбӣ мегардад. Асноди зиёди илмӣ ва санадҳои тозаи филологӣ маҳз дар ҳамин гурӯҳи сарчашмаҳо маҳфуз мондаанд. Ба ин сабаб, дар адабиётшиносии тоҷик аз ин нигоҳ омӯхтани осори насрии суханварон аз аҳамияти хоса бархурдор мебошад.

Диссертатсияи Мирзоҳофизиён Меҳрафкан Мирзоҳофиз дар мавзуи «Таҳқиқи матншиносӣ ва поэтикии осори насрии Аҳмади Ҷом» дар ҳамин замина ба қалам омадааст.

Муаллиф асарҳои насрии Аҳмади Ҷом, ба мисли «Анис-ут-тоибин», «Равзат-ул-музнибин», «Сироҷ-ус-соирин», «Мифтоҳ-ун-наҷот», «Кунуз-ул-ҳикмат», «Биҳор-ул-ҳақиқат», «Рисолаи Самарқандия» ва ғ.-ро ба таври шоиста омӯхта, онҳоро аз нигоҳи матншиносӣ ва поэтикӣ ба баррасӣ гирифтааст.

Муҳтавои асосии диссертатсия дар қолаби се боб, ки шомили ҳашт фасл ва чандин зерфаслҳо мебошанд, рехта шудааст. Дар бобҳои сегонаи диссертатсия масъалаҳои рӯзгоршиносии Аҳмади Ҷом ва мақоми ӯ дар адабиёти форсии тоҷикӣ, таҳаввули насри ирфонӣ дар аҳди Аҳмади Ҷом, нусхашиносӣ, сохту таркиб, сабки наср, корбурди ашъор, тавзеҳи истилоҳоти ирфонии осори насрии Аҳмади Ҷом ва таҳқиқи матншиносии онҳо ҳаллу фасл шудаанд.

Диссертатсияи мазкур дар адабиётшиносии тоҷик бори нахуст бар муҳиммияти мавзуи ёдшуда таъкид фармуда, масъалаҳои номбурдаро бо умқу густурдагии хоса баррасӣ менамояд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Мирзоҳофизиён Меҳрафкан Мирзоҳофиз дар мавзуи «Таҳқиқи матншиносӣ ва поэтикии осори насрии Аҳмади Ҷом» бо такя бар шеваҳои равишманди таҳқиқ, баррасии маводи фаровони илмӣ, масъалагузориҳои мантиқӣ, истиқлоли назар ва навовариҳо таълиф гардида, кори тоза ва арзишманд дар абиётшиносии тоҷик мебошад. Аз ин рӯ, камина диссертатсияи ӯро кори комилу анҷомёфта ҳисобида, муаллифи онро барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021401 – Назарияи адабиёт, матншиносӣ, нусхашиносӣ) сазовор мешуморам.

Роҳбари илмӣ:
доктори илмҳои филологӣ, профессори
кафедраи забон ва адабиёти тоҷики МДТ
«Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» Насриддинов Фахриддин

Суроға: 735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
н. Б.Ғафуров, ҷ.Ёва, кӯчаи А.Насриддин, 2
тел: (992) 91 729 15 03
e-mail: fahr79@mail.ru

Имзои доктори илмҳои филологӣ, профессор
Насриддинов Фахриддинро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус Наврӯзов Э.

Маълумот барои тамос:
Суроға: 735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Хуҷанд, гузаргоҳи Б. Мавлонбеков 1.
Тел.: (+992) 900420202
E-mail: n.ehson@mail.ru